**Дар бораи меҳнати маҷбурӣ ё ҳатмӣ**

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки узви комилҳуқуқи Созмони Байналмилалии Меҳнат аст, дар асоси банди 3 моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Конвенсияи мазкурро эътироф кардааст.

Конвенсия дар Конференсияи генералии Созмони Байналмилалии Меҳнат дар Женева аз ҷониби мақомоти роҳбарикунандаи Дафтари байналмилалии меҳнат дар ҷаласаи 13-ум 10 июни соли 1930 қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа як қатор пешниҳодҳо оид ба меҳнати маҷбурӣ қабул карда шуд, ки дар асоси қисми якуми банди рӯзномаи иҷлосия якчанд пешниҳодҳоро дар  шакли байналмилалӣ қабул карданд.

Конвенсия аз 31 модда иборат буда, аз санаи 1 майи соли 1932 эътибори  қонунӣ пайдо кардааст.

Тибқи талаботи моддаи 1 Конвенсия ҳар як узви Созмони Байналмилалии Меҳнат, ки Конвенсияи мазкурро эътироф  кардааст, ӯҳдадор аст, ки ҳамаи намудҳои меҳнати маҷбурӣ ё ҳатмиро дар муҳлати кутоҳ бекор кунад.

Истилоҳи “меҳнати маҷбурӣ ё ҳатмӣ” дар Конвенсия чунин мақсадҳоро дар бар намегирад:

а) ҳама гуна кор ё хизмате, ки тибқи қонунҳо дар бораи хизмати ҳатмии ҳарбӣ талаб карда мешавад;

б) ҳама гуна кор ё хизмате, ки ба вазифаҳои оддии шаҳрвандии шаҳрвандони як кишвари худидоракунанда ба  шумор меравад;

в) ҳама гуна кор ё хидмате, ки шахс дар натиҷаи ҳукми бо қарори мақомоти суд бароварда шуда талаб карда мешавад, ба шарте, ки ин кор ё хизмат таҳти назорати мақомоти давлатӣ анҷом дода шавад ва ин шахс ба шахсони воқеӣ, ширкатҳо ё ҷамъиятҳо дода намешавад.

г) ҳама гуна кор ё хизмате, ки дар ҳолатҳои фавқулодда, яъне дар ҳолати ҷанг ё мусибат ё таҳдиди офатҳои табиӣ, ба мисли сӯхтор, обхезӣ, гуруснагӣ, заминҷунбӣ, эпидемияҳои вазнин ё эпизоотика, ҳамлаи ҳайвонот, ҳашарот ё паразитҳои растаниҳо ва ғайра талаб карда мешавад; дар ҳама ҳолатҳо, ки ба ҳаёт ё шароити мӯътадили зиндагии ҳама ё як қисми аҳолӣ таҳдид мекунад, ё метавонад таҳдид кунад;

Дар Конвенсия истилоҳи “мақомоти салоҳиятдор” ё «ҳокимиятҳои кишвар» мақомоти болоиро ифода мекунад.

Мувофиқи моддаи 4 Конвенсияи мақомоти салоҳиятдор набояд ба манфиати ашхоси алоҳида, ширкат ё ҷамъият таъин кардани кори маҷбурӣ ё ҳатмиро тасдиқ кунанд.

Мутобиқи банди 2 моддаи мазкур агар чунин шакли кори маҷбурӣ ё ҳатмӣ ба манфиати шахсони хусусӣ, ширкатҳо ё ҷамъиятҳо то лаҳзаи тасдиқи ин Конвенсия аз ҷониби ягон узви Созмон аз ҷониби Директори генералии Дафтари байналмилалии меҳнатӣ ба қайд гирифта шуда бошад, ин узви Созмон чунин меҳнати маҷбурӣ ё ҳатмиро аз лаҳзаи ворид шудан пурра бекор мекунад.

Кормандони маъмурият, агар вазифаи онҳо ҳавасманд кардани ашхоси ба онҳо супоридашуда дар ягон намуди кор бошад, наметавонад ин аҳолиро ё шахсонро маҷбур кунад, ки ба манфиати шахсони алоҳида, ширкат ё ҷамъият кор кунанд.

Инчунин ҳама гуна имтиёзе, ки ба шахсони воқеӣ, ширкатҳо ё ҷамъиятҳо дода мешавад, бо истифодаи ҳама гуна шакли меҳнати маҷбурӣ ё ҳатмӣ бо мақсади истеҳсол ё ҷамъоварии маҳсулоте, ки ин ашхос, ширкатҳо ё ҷамъиятҳои хусусӣ ё тиҷорати онҳо истифода мебаранд, оварда наметавонад.